*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

30 сентябри соли 2023

№ 16-17 (185-186)

**“Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад”**

**Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳаётӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.**

**Маҳз ҳамин забони ноби модарӣ халқи моро дар тӯли зиёда аз панҷуним ҳазор сол бар зидди тамоми бадбахтиҳову тохтутози аҷнабиён муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ доштааст ва ба миллати тоҷик умри ҷовидонӣ бахшидааст.**

**Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо- тоҷикон - яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



**Бозор СОБИР**

## САНГИ САНГАРИ ИСТИҚЛОЛ

**(Ба муносибати Пешвои миллат унвон гирифтани Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)**

Курсиат аз партаи мактаб,
минбарат аз дарзаи деҳқон.
Пойандозат ба маҳфилҳо
Ҳар қадам аз пардаи дилҳо
Пешвои миллати Зардушт,
Пешвои миллати Маздак,
Пешвои миллати Айнӣ,
Пешвои миллати Восеъ,
Ҷонишини Оли Сомон,
Қаҳрамони Тоҷикистон.
Аз дами оташ гузаштӣ,
Чун Сиёвуш,
Кардӣ оташро ту хомӯш.
Аз сари сарҳад гирифтӣ
Ҳар фирориро дар оғӯш,
Ҷангро кардӣ фаромӯш...
Аздусар ҳайкалтарошон
Ҳайкалатро метарошанд,
Ҳайкалатро мегузоранд,
Бо қарори «Қасри Ваҳдат»,
Ҳайкали волои барқад,
Сангари сангини Истиқлол,
Чун падарсолори миллат.
Пойгоҳи давлататро карда кафшер
Бастакори нақби Анзоб,
Бастакори нақби Шаршар,
Бастакори нақби Шаҳристон,
Бастакори Чормағзак,
Бастакори ГЭС-и Роғун,
Ҳамчу чуян, ҳамчу пӯлод
Пойдор
Ҳамчу оҳан устувор.




**Муҳаммад ҒОИБ**

## ТАЪКИД

**(Илҳом аз гуфтаҳои Эмомалӣ Раҳмон)**

Субҳи мо моили шом аст, аз ин бехабарем,
Офтоби лаби бом аст, аз ин бехабарем.
Баски бар оташи найранги замонем кабоб,
Пухтаи мо ҳама хом аст, аз ин бехабарем.
Пардаи дасти шикам баст раҳи шишаи дил,
Шаҳди мо заҳр ба ком аст, аз ин бехабарем.
Ҷоми пурмай ба кафу ёд зи Хайём кунем,
Ин чӣ май ҳасту чӣ ҷом аст, аз ин бехабарем.
Довар аз нафс тарафдори ғиромон гардад,
Бурди мо бурди ҳаром аст, аз ин бехабарем.
Огаҳ аз тозагии пуртамаи доғи раҳем,
Роҳхат ҳар пайи гом аст, аз ин бехабарем.
Ҳама дар фикри таомем, на дар фикри калом,
Он таоме, ки калом аст, аз ин бехабарем.
Ғами садсола фурӯшем ба як лаҳза фараҳ,
Асари умр кадом аст, аз ин бехабарем.
Сари сад матлаби оянда хӯрад мансаби мо,
Нанги бад душмани ном аст, аз ин бехабарем.
Гарди аз хок ба домани фалак печида
Ҳасрати шоҳу ғулом аст, аз ин бехабарем.
Нармзоҳир барад осон дили бекинаи мо,
Хасм теғе ба наём аст, аз ин бехабарем.
Мурғ саҳрои тиҳӣ бар қафаси пур нахарад,
Тир ҳар дона ба дом аст, аз ин бехабарем.
Раҳми дар синаи Симурғи ҷаҳон нест дигар,
Золи мо шӯҳрати Сом аст, аз ин бехабарем.
Марг фарҷоми ҳаёт аст, ҳама медонем,
Зиндагиро чӣ мақом аст, аз ин бехабарем.

# ЭҲЁИ МИЛЛАТ - САНҶИШИ ҚУДРАТМАНДӢ

## (Чанд андеша дар ҳошияи рисолаи Саймумин Ятимов

**“Донаи гандуми зери хок намедонад, ки ӯ фардо - сабаби эҳёи зиндагӣ мешавад”**
**(Аз номаи Сервантес)**

Ин рисолаи басо муҳимми илмӣ, ки муҳаррики баҳси пур аз эҳсосоти меҳанпарастӣ мебошад, қариб 25 сол дер иншо шуда аст. Агар мо дар ибтидои солҳои навадум чунин рисолаҳо ва мақолаҳои ирфонӣ-сиёсии дақиқи илмӣ медоштем, даст ба силоҳ намезадем.

Аз ҷумлаи аввали мақолаи “ЭҲЁИ МИЛЛАТ – БАҚОИ ДАВЛАТ” (С.С. Ятимов. Фейсбук. 27.08.2023) пойбанди ҷӯшу хурӯши шуур ва шавқи қироати амиқ мегардед.

Ҳанӯз дар асри XIV ҷунбиши Даврони Эҳё, ки онро “марз” - и асри миёна ва оғози зиндагии нав низ меноманд, навҷӯӣ ва тағйирпарастии инсонҳо аз фарҳанг, адабиёт, маданият ва рузгори муқаррарии инсонҳо ба сиёсат кӯчид. Шуруъ аз солҳои 1350 навҷӯӣ барои давраи нав дар осори санъати тасвирӣ, романҳои таърихӣ, ҳаммосаҳо эҳё ба мадди аввал мебарояд. Омма чизи нав тақозо мекунад. Дар натиҷаи аз дин муттасил озод шудани санъат ва адабиёт, тасвири воқеъбинонаи рушди инсон ва табиат бе афсонаҳои динӣ ва нерӯи фавқуттабиии даврони эҳё суръати нав пайдо кард. Дунявият, ки баътар дар асри 15 батадриҷ ба атеизм мубадал гашт, собит сохт, ки оммаро давлат, сохтор, диктатура, фардҳои роҳнамо, императорҳо, шоҳон идора менамоянд. Аксари кулли онҳо дар ин идоракунӣ аз номи Худоёну пайғамбарон суистифода мекарданд. Дар ин самт аз дин, ҳодисаҳои табиат ва достонҳои афсонавии хайёлии антиқа васеъ истифода мебурданд.

Барои дарк ва омӯзиши ин рисола бояд ҳар кас қабл аз ин, мақолаҳои мантиқан давомдори академик С. Ятимов “Дин ва Ҷомеа”, “Забон ва амнияти миллӣ”, “Илм ва амнияти миллӣ”, “Тавоно бувад ҳар, ки доно бувад”-ро мутолиа намояд. Ва боз қотеъона такрор мекунам, ки ин рисолаҳо бояд дар 5 - солаи аввали солҳои навадум иншо ва эҷод мешуданд. Ва мо даврони Эҳёи миллии Тоҷикистонро оғоз мекардем. (Табиатан агар маҷмуи ҳамаи андешаҳои фалсафии Ятимовро хулоса кунем, консепсияи комили “Миллат, танҳо дар натиҷаи тақвияти ҳувияти миллӣ ба давлатдории комил ноил мегардад” бармеояд. Дар асл Тоҷикистон пештар аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқостон ва Туркманистон дар баробари ҷумҳуриҳои Назди Балтика дарвозаи эҳёро боз карда буд. Маҳз зиёиён ва рушанфикрони бедорандеши соли 1988, 1991 давлати миллӣ, бо забони миллӣ ва фарҳанги миллӣ ва роҳи рушди дунявӣ демократиро тарғиб карда, барои бунёди он талош карданд.

Бадбахтона, дин ва оин иқдоми рӯшанфикронро ба даст гирифт. Дин бо дастгирии тундгароёни хориҷӣ рӯшанфикронро ба масҷиду хонақоҳ, ҷамоатхонаҳо кашид. Ва соли 1991 ҳодисаи фавқулода нав барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ғаричашмдошт дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Гург ва гӯсфанд дар як сангар саф кашиданд. Дин, рӯҳониёни мансабталош ва неруҳои демократӣ дар атрофи ҳизби ғайрирасмии ҲНИТ барои интихоботи демократӣ сар боло карданд. Маҳз дар он давра рисолаҳо ва мақолаҳои “Идеология ва манфиати миллӣ. – Д., 2015; Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ. – Д., 2015; Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Д., 2019; Илм ва амният. – Д., 2019; Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ. – Д. 2019; Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат. – Д., 2019; Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Д., 2019; Аристотел: давлат ва сиёсат. – Д., 2019; Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат. – Д., 2019; Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Д., 2020; Худшиносии миллӣ ва масъулияти ватандорӣ ба мардум намерасиданд.

Эҳё дар Итолиё ба вуҷуд омад, ки ҳанӯз дар асрҳои 13-14 дар фаъолияти шахсиятҳои таърихӣ Тони Парамони, Пизано, Ҷотто, Орканя ва дигарон зарурати эҳёро ба миён гузоштанд. Ҷунбиши озодандешӣ ва миллӣ барои озодии рӯшанфикрони Тоҷикистон ба давраи Эҳёи ибтидоии (ибтидои асри XV - охири асри XV) Италия монанд аст. Ва барои Тоҷикистон чунин заминаҳо мисли Италия фароҳам буданд. Академик С.С. Ятимов, барҳақ, хирадмандона “Эҳёи миллии Аврупоро сабаб он буд, ки аз замони салтанати Масеҳият – дини насронӣ, наздик ба якуним ҳазор сол мегузашт. Талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хостори таҳаввулот ва пешравӣ буданд. Ин ниёзмандиҳо ба манфиати рӯҳониён, калисо созгор намеомад. Дар шароити Ақлсолорӣ, Хирадгарой, Тақдирнописандӣ, пешрафти илму техника, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллии мардум, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафсири ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури рӯҳоният комилан мувофиқат намекард, ин тоифа обрӯ, нуфуз, оқибат ҳукумат - манфиати худро аз даст медод” чун докторинаи рушди озоди ҷомеа пешниҳод шудааст. Вале боз такрор мекунам, ки доираи рӯҳониёни қудратхоҳ ин фурсати қулайро аз даст надоданд. Рӯҳониён зери ниқоби демократия силоҳ ба даст гирифтанд. Ончунон академик Ятимов пажӯҳиш кардааст “Тарзе хотирнишон гардид, низоми динӣ, ки якуним ҳазор сол қабл тавлид ва тавассути ҷангҳои салибӣ устувор шуда буд, бо гузашти асрҳо, бо таҳаввулот ва талаботи зиндагии нав дар тазод ва низои воқеӣ ворид гашт. Натиҷаи ин гуна нофаҳмиҳо байни рӯҳонияти мусаллаҳ бо ҷаҳонбинии ба муддати садсолаҳо ақибмонда ва зиёиён, мардуми тараққихоҳ, воқеънигар ва навовар бо қатлу куштор ва террор анҷом меёфт” (Ҳамон ҷо. Фейсбук.27.08.23)

Профессор Ятимов оқилона зикр мекунад, ки “Истифодаи истилоҳи «Эҳё», албатта, ба моҳияти кулли ҳодисаҳое, ки ҷомеаи Аврупоро фаро мегирифтанд, мувофиқати пурра надошт”. Ин истилоҳро дар солҳои навадум ҷунбиши террористии ҲНИ (Дар Тоҷикистон ва Россия мамнуъ аст) барои қудрати сиёсӣ бо дастгирии неруҳои берунӣ барои пурра аз байн бурдани давлати тоҷикон истифода мекарданд.

“Аз нигоҳи илмӣ, даврони Эҳё зарурати таърихии нобуд сохтани қолаби куҳна, озод кардани майнаи аз таъсири хурофот шахшудамонда ва ба хатари барои ҷомеа марговар мубаддалгаштаи таассуб, маърифатситезии «аксарият» дар қиболи «ақаллият»-и озодандеш буд” Ин тезиси илмии Саймумин Ятимов кашфиёти хеле дақиқи ҷомеашиносии муосир мебошад. Барои рӯҳонии аз занҷири асорат раҳошуда “Иттиҳоди Шӯравӣ” қолаби куҳна буд. Вале пешвоёни рӯшанфикр огоҳ набуданд, ки мори эҳёи онҳо ҳатмӣ “Аждаҳо” хоҳад шуд.

Ва ин андешаро муаллиф хеле амиқ ба маърази хонанда мегузорад:”Чун олимони Даврони Эҳё аз мардуми ҳушманди замони худ буданд ва масъулияти ба дӯши онҳо гузошташударо хуб эҳсос мекарданд, инқилоби хешро аз ҷодаи илм, маориф, адабиёту санъат, аз «тарҳи нав дарандохтан» дар ҷаҳонбинии мардум оғоз карданд”

Ман ёдрас менамоям, ки “таълимоти неореносансӣ” - и академик Ятимов барои ташаккули давлатдории навини Тоҷикон бояд чун таълимоти омӯзиш ба барномаҳои таълимӣ шомил шавад. Бас аст зӯран ва сунъӣ аз қолабҳои ҷомеъшиносии хориҷӣ ба шароити Тоҷикистон номувофиқ истифода кардан. Асарҳои публисистии сиёсии Ятимов баёнгари ҳувияти миллӣ мебошанд. Шояд ба аксари кулли хонандагон писанд набошад, аммо бояд мардонвор иқрор кунем, ки мо ҳанӯз консепсияи миллӣ ё худ идеологияи миллии муосир он ҷиро 5 сол пеш академик Ятимов пешниҳод карданд, таҳия накардем. (Мо, ҳатто, муродифи тоҷикии “Идеология” - ро пайдо накардем. Бародарони узбеку қазоқи мо онро айнан “Идеология” қабул карданд) Дар ин ҷо як мисоли хеле дурушт аз таърихи миллати пашту меорам. Қабилаи пашту фақат дар соли 1747, замони Ҳукумати Аҳмадшоҳи Дурронӣ давлатдории мутамаркази худро пайдо кард. Мо аз асри 9 давлатдории сирф тоҷикиро барпо кардем. Бадбахтона, мо аз ҳувияти миллӣ ба ҳувияти маҳалу қавмӣ фуромадему паштуҳо аз ҳувияти қабилавӣ ба ҳувияти миллӣ (Имрӯз тақрибан 120 миллион паштуҳои ҳинду Покистон, Африқои шимолӣ, Афғонистон мавҷуданд) расида 5-умин маротиба кӯшиши бунёди давлати Паштунистон дар ҳудуди тоҷикон доранд. Дар зарфи 200 соли охир тоҷикони Афғонистон, ҳатто, баъди муҳоҷирати бузурги солҳои 1920, 1933 тоҷикон ба Афғонистон истилоҳи ”тоҷик” - ро ба “дарӣ”, “маҳаллӣ” , даризабонҳои “кобулӣ”, “ҳиротӣ” “ҷабалӣ” иваз карданд.

Ҳувияти миллӣ чӣ навъе, ки дар мақолаҳои Ятимов борҳо зикр шуд, муаллифи ягона надорад. Омма, шуури воҳид, андешаи ягонаи мутамарказ, ормонҳои ҳазорсолаи миллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ, аҳзоби сиёсӣ, идеяҳои шахсиятҳои фарҳехтаи миллат (С. Айнӣ. Б Ғафуров, Ш. Шотемур, Н. Махсум, Эмомалӣ Раҳмон, Саймумин Ятимов,) муаллифи, меъмор ва муҳандиси ҳувияти миллӣ мебошанд. То ба ҳол мо танҳо ҷомеъшинос, академик Ятимов муаллиф ва меъмори ҳувияти миллиро амиқ нишон додааст. Бешак, ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. «Бо ҷашн гирифтани 1100 - солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёди аср, Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард.

Яъне Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд. Намунаи чунин шефтагӣ ва садоқатмандии миллӣ дар таърих камшумор аст”. (ҳамон ҷо, Фейсбук.27.08.23)

Имрӯз вақти басо муносиб фаро расидааст, ки мо бояд даврони эҳёро амиқ омӯзем. Ақлпарастӣ ё худ хирадсолории даврони Эҳёро ҳатто дин, ҳатто олами Ислом низ эътироф ва истифода кардааст. Бахусус, дар идеологияи Туркия, Покистон, Миср, Алҷазоир, Британия онро васеъ татбиқ мекунанд. Аммо Туркия, Миср Араб, Ҳиндустон аввал “Хун” (миллат)-ро дар мадди аввал ва баъдан динро зикр мекунанд. “Ман сараввал турк баъдан шаҳрванди Туркия ва пасон мусулмон ҳастам”. Ин суханони нависандаи бузурги ҷаҳонӣ Азиз Несин давлати Исломии Туркияро ба эътироз овард, аммо дар асл ҳар як турк миллатро дар мадди аввал мегузорад. Аз ин хотир ҳам ин миллат империя дошту имрӯз низ яке аз абарқудратҳои дунё аст. (Бояд зикр кард, ки дар публисистикаи академик Ятимов оҳанги қатъии амр “Ман”-и болоназар вуҷуд надорад. Услуби машваратӣ тавсиявии ӯ то ҳадде ба услуби Белинский монанд аст).

Таърих шоҳид аст, ки тоҷикони Афғонистон дин ва аҳзобро дар мадди аввал гузошта, миллатро чун хидматгори дин маҳсуб донистанд. Маҳз имкони бузурги эҳёи давлатдории Тоҷикон дар Афғонистон дар дасти устод Бурҳониддин Раббонӣ буд. (Ёдаш ба хайр!). Афсус ин абармарди маъруф аввал Ислом баъд Афғонистону дуртар даризабонҳои Афғонистон мегуфт.

# ВА ТАВОНИИ МИЛЛАТ АСТ

## “Эҳёи миллат - бақои миллат”)

Дар се даҳсолаи охир бо вуҷуди эҳёи забони тоҷикӣ корҳои шоёне анҷом дода бошем ҳам, фақат соли 2022 стратегияи рушди забони давлатӣ тавассути академик С. Ятимов илман барои таҳияи барномаи тӯлонимуддати маърифатӣ пешкаш гардид. Профессор Саймумин Ятимов сари вақт ҳушдор медиҳад, ки миллат ва андешаи нави миллӣ, ормонҳои башарии дунявии илмӣ ва динӣ бояд ба забони ноби тоҷикӣ мунташир ва таксир шаванд. Эҳёи ақл маҳз тавассути забон оғоз мегардад.Бузургтарин сипаҳсолори тоҷикгарои инқилобӣ 900 сол қабл гуфт, ки “ибодат бояд бо форсӣ садо диҳад. Ва дар асри 19 руҳонии ислоҳотгарои олмонӣ Мартин Лютер (1483-1546) ба ҳамватанони худ чунин муроҷиат кард: «Ман қарори қатъӣ қабул кардам: зери роҳбарии ман китоби муқаддаси мо, Инҷил ҳарчи тезтар ба забони немисӣ тарҷума карда шавад. Ва минбаъд намоз гузоштан, ибодат кардан, тамоми маърака ва маросимҳои динӣ танҳо ба забони модарии мо – ба забони немисӣ сурат мегирад!».

Академик Ятимов бо мисолҳо ва иқтибосҳои “оҳанин” собит мекунад, ки барои давлати дунявии хирадсолор қабл аз тааллуқи (мансубият) қавмӣ, динӣ, ҳизбӣ, ирқӣ, миллат дар сатҳи баланд бояд қарор гирад. “Таърихчиён бар ин ақидаанд, ки Мартин Лютери рӯҳонӣ яке аз ташаббускорони сохтани давлати миллии немисҳо мебошад. Дар он манзалати миллати немис аз ҷумлаи муқаддасоти аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Ба ақидаи ин донишманди рӯҳонӣ: «Дар дунё ҳама чиз тағйир меёбад. Иваз мешавад. Инсон метавонад, ҳатто дини худро табдил диҳад. Аммо ягона чизе, ки аз рӯзи тавлид то дами марг тағйирнаёбанда аст ва абадӣ мемонад, Миллат аст».

Маҳз асрори стратегияи ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, сулҳи тоҷикон, рушди босуботи рӯ ба инкишофи Пешвои миллат дар он аст, ки ӯ худро чун дунявисолор, дунявии шаклан миллӣ, таҳамулпазир, бахшояндаи башарпарвар муаррифӣ намуд.

Академик Ятимов мушаххасан касеро мазамат ва танқид намекунад. Аммо ишора мекунад, ки ҳанӯз омилҳо, имконот ва шартҳои татбиқи дастуру ҳидоятҳо дар сатҳи поин амалӣ мешаванд “ Зарур аст, ки ин идеяҳо коркард ва бо истифода аз принсипҳои таърихӣ, таърихӣ – муқоисавӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – генетикӣ, ки ба мавзуи хештаншиносӣ ва худшиносӣ наздик ҳастанд, дар ҷараёни эҳёи миллати тоҷик бо талабот ва шаклу усулҳои рақобатпазир ва самаранок дар тарбияи омма истифода гарданд”.

Оре, имрӯз омма кулан ба тарбия ниёз дорад. Айб ва гуноҳ ҳаст, ки тоҷик дар ватан хомӯш, ҳатто бо рамз ишора намекунад. Аммо аз дуриҳои Аврупо ба таърихи худ, ҳайсияти миллат, ба шаҷараи миллии хеш дашному фаҳш мегӯяд. Боиси шармандагист, ки ҳамдиёрони мо дар Аврупо ва ИМА аз номи миллати хеш ор намуда, мардуми соддаро ба қиём даъват мекунанд.

Таълимоти академик Ятимов, аниқтараш публисистикаи сиёсӣ, дастурии илмии Ятимов набояд барои “ороиш” - и ҷевон ё намоиши китобҳо хидмат кунад. Ин осори пурқиммати илмӣ сутунмуҳраи фалсафаи муосири тоҷик аст. Боз ҳам такрор мекунам, ки бояд дар асоси осори илмӣ - сиёсии Ятимов китоби дарсии “Ормонҳо ва ҳувияти миллии тоҷик” чун васоити таълим нашр шавад.

**Наҷмиддин Шоҳинбодов,**
**адиб ва журналист,**
**бознашр аз рӯзномаи**
**«Имрӯз Нюс», 31 августи**
**соли 2023, №128 (2717)**

# ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ОМӮЗГОР ВА РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Боиси ифтихор ва шодию фараҳмандист, ки мову Шумо дар кишваре кору фаъолият намуда истодаем, ки фазои ором у осуда дошта, мардуми шарифаш таҳти сарварӣ ва сиёсати оқилонаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 35- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзун гардонидани дастовардҳо муваффақиятҳо дар тамоми соҳаҳо ва ободию шукуфоии Ватани маҳбубамон саъю талош намуда истодаанд.

Воқеан ҳам, кишвари азизамон – Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва сулҳхоҳу сулҳпарфар тайи 32-соли соҳибистиқлолӣ дар тамоми соҳаҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда, дар арсаи байналмилалӣ нуфузу обрӯи баландро соҳиб гардид. Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар мардуми тоҷик расму оинҳои беҳтарини қадимаи хешро, ки қисме аз байн рафта буданд, аз нав эҳё карда, ҷашну маросим, санаҳои таърихӣ ва дигар арзишҳои миллиро дар сатҳи баланд таҷлил мекардагӣ шуд.

Рӯзи омӯзгор (якшанбеи ҳафтаи аввали моҳи октябр) ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола (шуруъ аз соли 2009) 5-уми октябр бошукӯҳ ҷашн гирифта мешавад, аз ҷумлаи чунин иду ҷашнҳо мебошанд.

Аз ин рӯ, ҳамаи шумо-омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёнро бо фарорасии ин ҷашнҳо аз номи раёсати донишгоҳ сидқан табрику муборакбод гуфта, бароятон саломатии бардавом, саодати рӯзгор ва дар фаъолияти омӯзгорию донишҷӯиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Дар ҳақиқат омӯзгорӣ пешаи хеле заҳматталаб ва муқаддастарин касби рӯи олам аст ва мову шумо-омӯзгорони гиромӣ хушбахттарин нафароне ҳастем, ки ин касби пуршарафро интихоб карда, дар таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос саҳми арзанда гузошта истодаем.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро самти афзалиятнок эълон карда, нисбати соҳа ва кормандони он пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд ки: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.”

Чунин баҳои баланди Сарвари давлат ва таваҷҷуҳу ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат ба соҳаи маориф ва омӯзгорон ҳар яки моро водор месозад, ки савияи донишу маҳорати касбиамонро боз ҳам баландтар бардошта, мутахассисонеро тайёр намоем, ки ҷавобгӯи талаботи даврү замон бошанд.

Ҳамкасбон, кормандон ва донишҷӯёни азиз, мехоҳам доир ба забони давлатӣ, ки дар арафаи таҷлили он қарор дорем, чанд сухан гӯям.



Забон унсури асосию муҳимми ҳастии миллат ва бунёду мабнои давлати миллӣ шинохта мешавад. Аз ин лиҳоз, он ба мисли вожаҳои Ватан, Модар, Истиқлолият аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ маҳсуб меёбад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намуданд ки: “Вазифаи миллӣ ва қарзи инсонии ҳар яки мо-соҳибзабонон аст, ки ба забони модарии худ арҷ гузорем, онро чун гаронбаҳотарин сарвати ҳастии хеш эҳтиёт кунем, мероси пурқиматеро, ки бо ин забон иншо шуда, аз насл ба насл интиқол ёфтааст, на танҳо ҳифз намоем, балки онро омӯзем, ба дигарон омӯзонем ва аз ҳикматҳои ҷовидонааш баҳравар гардем”.

Боиси ифтихор аст, ки давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ, алалхусус, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масоили рушди забони давлатӣ, таърихи ташаккули он таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир намуда, оид ба эҳё ва густариши забони давлатиамон силсилаи тадбирҳои судмандро амалӣ намудаанд, ки Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (замимаи № 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 268), Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ (замимаи №2 ба қарори зикргардида) аз ҷумлаи онҳост.

Итминони комил дорам, ки Шумо омӯзгорони муҳтарам, бахусус мутахассисон ва олимону муҳаққиқони ин соҳа баҳри ҳифз, риоя намудани меъёрҳои забони давлатӣ, тозаю беолоиш нигоҳ доштани он, хуллас, рушду такомули забони давлатӣ саҳми арзанда мегузоред.

Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз! Мехоҳам таманниёти раёсати донишгоҳро бо чунин суханони Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки воқеан ҳам ба забони давлатӣ маҳбубият ва эҳтироми хосса доранд, ҳусни анҷом бахшам.

“Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёгонам мебошад. Аз ин рӯ, ман ба ин забони шевою шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шакарину дилнишинаш лаззати маънавӣ мегирам ва ҳастиамро бо ҳастии забонам пайванд дониста, ин гавҳари хушоб ва дурри ҷаҳонтобро пайваста ситоиш ва тарғиб менамоям. Ба ин хотир, доир ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо таълиф менамоям, дар ҳар суханрониам бузургиву тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояаш талош мекунам”.

**Бори дигар ҷашнҳои Рӯзи омӯзгор ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароятон муборакбод мегӯям!**

# МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ВА ХАВФНОКИИ ИН ПАДИДАИ НОМАТЛУБ

*Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмуъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддӣ ва мунтазам, муносибати махсус, муқобилияти комплексӣ ва оперативиро талаб менамояд.

Яке аз масъалаҳои харобкунандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи масъалаҳои иқтисодӣ ин коррупсия ба шумор меравад. Ин бадбахтиро мо метавонем дар тамоми соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ, бахусус илм, фарҳанг, бонкдорӣ, хариду фурӯши коғазҳои қимматнок, молия, хоҷагидорӣ ва ҳатто варзиш мушоҳида намоем.

Ҳанӯз якчанд аср қабл яке аз мутафаккирони бузург Ш.Л. Монтеские гуфта буд, ки «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ, тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мегардад».

Ин мушкилотро мо метавонем яке аз масъалаҳои глобалӣ эълон намуда, дар роҳи несту нобуд ва решакан намудани он тамоми саъю кушишро ба харҷ диҳем.

Имрӯз ин мушкилот тавониста истодааст, ки дар кишвари мо тухми худро кошта амалҳои зидди фассоди худро зиёд намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала бетарафӣ накарда дар давраи рушду нумӯъ намудани он ду маротиба конунҳои махсуси соҳавӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25-уми июли соли 2005, ки айни ҳол аз этибор соқит дониста шудааст ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, №1714-ро қабул намуд.

Ҳамзамон, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007, №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Ниҳоди мазкур ҳамчун мақоми ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳҳои огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

Ҳамчунин аз тарафи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии муковимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, зери таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат қарор дорад.

Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида истодааст.

Аз санадҳои байналмилалӣ бошад дар натиҷаи заҳмати якчандсолаи ҷомеаи ҷаҳонӣ соли 2003 Созмони Милали Муттаҳид “Конвенсияи зидди коррупсия”-ро қабул намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда 25 сентябри соли 2006 ба ин санади байналмилалӣ ҳамроҳ гардид ва ин санадҳои дохиливу байналмилалӣ тавонистанд садди роҳи онро ба андозае коҳиш диҳанд.

Амалҳои коррупсионӣ асосан бештар дар байни кормандони давлатӣ




ва шахсони мансабдор ба вуқӯъ мепайванданд. Онҳо бо роҳи суйистифода аз ваколатҳои хизматӣ амалҳои худро иҷро менамоянд. Амалҳои коррупсиониро ҳамчунин амалҳои «фассод», «ришва», «пораситонӣ», «сӯдхӯрӣ», «хушомад задан», низ мегӯянд.

Роҳбарияти давлат дар роҳи решакан ва паст кардани шиддати ин амали фассод дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ карда, тамоми тадбирҳоро амалӣ намуда истодааст.

Коррупсия аз рӯи бахшҳои паҳншавияш дар бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ ба вуқӯъ меояд.

Коррупсия дар бахши давлатӣ-кирдорҳои коррупсионии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаҳо, ташкилот ва корхонаҳои давлатиро дар бар мегирад.

Коррупсия дар бахши хусусӣ низ, ҷой дошта метавонад, ки хизматчиёни ташкилоти тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ захираҳои шахсан ба онҳо тааллуқдоштаро ихтиёрдорӣ намуда, имконият доранд ин ваколатҳоро ба манфиати шахсӣ, яъне ба зарари ин ташкилотҳо истифода намоянд.

Аз рӯи самтҳои фаъолият коррупсия ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад:

-дар мақомоти Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ;
-дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
-дар соҳаи андоз ва гумрук;
-дар сохторҳои низомӣ;
-дар соҳаи тандурустӣ;
-дар соҳаи маориф;
-дар соҳаи манзилӣ-коммуналӣ;
-дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коррупсия бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба таври пурра ҷой дода шуда бошад. Зеро аз рӯи ҳолатҳои коррупсионӣ дида мешавад, ки он ба ҷазои ҷиноятӣ рост наомада барои ин гуна ашхос ҷазои маъмурӣ таъин намуда ва аз вазифаи хизматӣ озод карда мешаванд.

Ҳадафи асосии мо дар самти пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои коррупсионӣ ин аст, ки аз иштироки васеи аҳолӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма истифода намуда, оқибатҳои ин мушкилоти ҷомеаи ҷаҳониро ба шаҳрвандон бояд фаҳмонем.

Дар ҷомеаи мо аз ҳама ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва хавфнок ин додани пора, гирифтани пора ва дигар ҷиноятҳое, ки ба муқобили Ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизматӣ дохил мешаванд, содир карда мешаванд.

Хурсандибахш аст, ки имрӯзҳо барои решакан кардани коррупсия тамоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вале «коррупсия яке аз зуҳуроти номатлуби замони муосир буда, мутаассифона, ҳоло низ дар ҷумҳурӣ хеле васеъ доман паҳн намудааст”.

**ҒАЮРӢ Т.Ҳ.,**
**сарнозири раёсати муковимат бо коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани адлия**

# ВАСФИ ОМӮЗГОР

Чӣ қадар муҳим, бузург ва муқаддас аст масъулияти тарбиятгар; тамоми ҳаёти инсон вобаста ба уст.

Шогирд ҳеч гоҳ комилтар аз устод намешавад, агар дар ӯ на рақиб, балки намунаро бубинад.

**В.Г.Белинский**

Ба омӯзгорон сухан на бахри он аст, ки афкори худро ба дигарон бор кунанд, балки бахри он аст, ки афкори дигаронро бедор кунанд.

**В.О.Ключевский**

Ифтихормандии омӯзгор аз он бояд бошад, ки дар марзи афкори шогирдон чӣ тухме коштааст

**Д.И.Менделеев**

Ба ман омӯзгороне мақбуланд, ки ба истиснои вазифаи хонагӣ боз чизе диҳанд, то моро ба андеша кардан водорад.

**Л.Томлин**

Омӯзгори вокеӣ на онест, ки ба ту ҳамеша мадад мерасонад, балки онест, ки ҳамеша раҳнамоият мекунад.

**М.А.Светлов**

Омӯзгор ба шогидон на бояд худи ашёро, балки моҳияти онҳоро тавзеҳ бахшад.

**П.Коэло**

Омӯзгори хуб шогирди бадро хуб мекунад, шогирди хубро-бузург

**М.Коллинз**

Одам танҳо аз оне меомӯзад, ки дӯсташ медорад.

Оне, ки ба мо меомӯзад, омӯзгор ном дорад, аммо на ҳар омӯзанда шоистаи ин ном аст.

**И.В.Гёте**

Чун омӯзгорӣ, бояд се нуктаро бидонӣ: фанни худро, онеро, ки меомӯзӣ ва тарзи омӯзониданро.

**Л. Маей**

Ҳамаи чизҳои заруриро омӯзонидан имкон надорад, омӯзгор бояд бештар роҳи омӯзишро биомӯзад.

**Р.Олдингтон**

Омӯзгори миёнаҳол ҳикоят мекунад. Омӯзгори хуб шарҳ медиҳад. Омӯзгори хеле хуб намоиш медиҳад. Омӯзгори олӣ илҳом мебахшад.

**У.А.Ворд**

Ба шогирдон намуна будани устод бартар аз омӯзонидани уст.

***Ж.Жубер***

Омӯзгори хуб чун шамъест, ки худ месӯзаду роҳи дигаронро равшан мекунад.

**Ҳикмати осиёӣ**

Ҳадафи асосии ҳар омӯзгори варзида на дониши худро ба шогирдон омӯхтан, балки дар онҳо меҳр ба дониш парваридан аст.

**Ф.В.Робертсон**

Омӯзгор он гоҳ мамнун аст, ки шогирдашро ситоиш бикунанд.

**Ш.Бронте**

Оне, ки меомӯзад, набояд худ лахзае фориғ аз омӯзиш бошад.

**Р.Г. Данн**

Ман ҳеч гоҳ шогирдонамро намеомӯзам, балки барои омӯзиши онҳо шароит фароҳам меоварам.

**А.Эйнштейн**

Омӯзгорон бартар аз волидайнанд, зеро волидайнамон ба мо ҳаёт мебахшанд, омӯзгорон- ҳаёти хушбахтона.

**Арасту**

Оне, ки ба дили кӯдак роҳ ёфта наметавонад, омӯзгор нест.

**Б. Дакийский**

Оне, ки дар заминаи омӯзиши гузаштаояндаро месозад, омӯзгори ҳақиқист.

**Конфутсий**

Омӯзгоре беҳтарин аст, ки суханаш бо амалаш якест.

**К. Старший**

Омӯзгори хуб бештар савол медиҳад, на ҷавоб.

**Д. Алберс**

Вақт бузургтарин омӯзгор аст, вале афсӯс, ки тамоми шогирдонашро мекушад.

**Л.Г.Берлиоз**

Омӯзгорро масъулияти бузургест: ӯ одамро ташаккул мебахшад. Омӯзгор муҳандиси рӯҳи инсонҳост.

**М.И.Калинин**

Омӯзгор бояд нахуст дар шогирд хоҳиши омӯзишро парварад, дар акси ҳол, ба оҳани сард путк хоҳад кӯфт.

**Х. Манн**

Вазифаи омӯзгор кушодани дар аст, на ба ин дар дарун кардани шогирд.

**А.Шнабел**

Омӯзгор, бидон: табассуми ту бартар аз хазор сухан аст.

**К.Д.Ушинский**

*Аз русӣ тарҷумаи А.МУРОДӢ*

# МУҚАДДАСТАРИН ВА АЗИЗТАРИН НЕЪМАТ

Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишони пойдориву бақои давлат мебошад. Ба шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ халқи мо соҳиби рамзҳои давлатии худ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конститутсия шуд ва аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид.

Халқи тоҷик аз қадимтарин мардумони соҳибтамаддуни ҷаҳон буда, дар тули таърих барои сохтани давлати миллӣ борҳо кӯшиш намудааст. Тоҷикон ба зумраи халқиятҳое дохиланд, ки нахустин давлати мутамаддини башариро ба миён овардаанд. Вале борҳо аз таъсири душманони дохилию берунӣ давлатҳои сохтааш аз байн рафтаанд. Ҳарчанд ин халқи тамаддунофар таърихи зиёда аз панҷ ҳазорсоларо доштa бошад ҳам, вале борҳо ба шикаст рӯбарӯ гардидааст. Ҳамин аст, ки дар тули таърих давлатҳои сохтааш аз қабили давлати Ҳахоманишиён ба дасти Искандари Мақдунӣ, давлати Сосониён ба дасти арабҳо ва давлати Сомониён ба дасти туркҳо шикаст хӯрда аз байн рафтаанд.

Ҳамин гуна шакл гирифтани ҳаводиси таърихиро дар қиболи миллати тоҷик аз ҷумлаи миллатҳои ҷафокашидатарини ҷаҳон гӯем, хато нахоҳем кард. Зеро дар муддати асрҳо фақат месохту обод мекард, вале душманонаш вайрон мекарданд, хароб мекарданд, дороияшро ғорат менамуданд, аз сари мардум калламанораҳо месохтанд. Аммо иродаи қавию созанда, фарҳанги бузурги тасаллибахшу эҳёгар онҳоро зинда нигоҳ медошт, боз талоши шаҳрсозӣ, кишоварзӣ, илму адабу ирфон мекард. Ба ибораи дигар, тоҷикон дар тули таърихи мавҷудият ҳазорон бор ба хатари нобудӣ мувоҷе гардида, бо иродаи қавӣ алайҳи ҳаргуна сиёсатҳои ғосиби замон муборизаи маънавию сиёсӣ бурдаанд.

Пас аз ҳазор соли бедавлатиҳо дар соли 1929 тавассути ҷаҳду талош ва ҷоннисориҳои фарзандони ғаюраш дар ҳайати Иттиҳоди Шуравии собиқ қисмати кӯчакеро аз сарзаминҳои аҷдодиашон бо номи Тоҷикистон таъсис доданд, ки маҳз давлати кунунии тоҷик, дар заминаи он ташаккул ёфта ба Истиқлолияти сиёсӣ расид. Дар охирин марҳилаи вуҷуди ин давлати абарқудрат бо сиёсати бозсозӣ вазъияти империяи шуравиро ба буҳрони азим мувоҷе гардонид. Нокомии ҳаводиси соли 1991 дар Москов ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ вазъеро дар империяи Шуравӣ ба миён овард, ки мунҷир ба сукути он гардид. Сукути Иттиҳоди Шуравӣ имконеро ба миён овард, то ҷумҳуриҳои зертобеи он Истиқлолияти сиёсиро ба даст оварда, чун давлатҳои соҳибихтиёр дар арсаи олам аз хеш дарак доданд. Ва ин ҳодисаи таърихӣ миллати тоҷикро дар канор нагузошт



ва имконият фароҳам овард, ки боз ташаббуси истиқлолиятхоҳӣ, ватандӯстӣ ва сиёсии худро ба даст гирифта, 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти сиёсии худро эълон намояд ва ин неъмати бебаҳо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид. Вале ин неъмати бебаҳои истиқлолияти миллиро душманони миллати тоҷик ва як гурӯҳ сиёсатмадорони хиёнаткор ва ватанфурӯш нодида гирифтанд ва миллати тоҷикро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ кашиданд, ки боиси гуреза шудани натанҳо нафарони зиёд ва кушта шудани ҳазорҳо нафар шаҳрвандони тоҷик гардид, балки имконияти аз байн рафтани давлати тоҷиконро ба миён оварда буд. Дар ин миён ба майдони сиёсии миллати тоҷик фарзанди фарҳунда, ватандӯст ва вафодори миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ватан ва мардуми тоҷикро аз вартаи ҳалокат наҷот дода, миллати тоҷикро ба сарҷамъӣ, ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу субот роҳнамоӣ карда, таъкид намуданд, ки "Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, ҳамзамон, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки мо бояд онҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳем ва итминон дошта бошем, ки танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем, кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавоно бунёд намоем".

Истиқлолият муҳимтарин рукни худшиносӣ ва худогоҳии ҳар фарди ҷомеасоз аст, ки бе ягонагиву ваҳдати комили инсонҳо ба даст намеояд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ибroз доштанд ки: «Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақоми муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо месозад».

Воқеан, ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муваффақияти бузург ва ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст. Маҳз бо шарофати сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ –давраи созандагию бунёдкорӣ қадам гузошта ба хотири пойдории истиқлолияти воқеии мамлакат бунёди як силсила иншооти тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳаммияти умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сохта ба истифода дода шуд.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ва тахти сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон ба эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ оғоз намуда, дар ин давра бо муваффақиятҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ноил гардида, обрӯи кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бардошт. Ва месазад мардуми шарифи Тоҷикистон барои аз даст надодани ин неъмати бузург ва дастовардҳои истиқлолият ҳамаи кӯшишу ғайрат, зиракии сиёсӣ, ваҳдату ягонагиро аз даст надода ин неъмати бузургро бо тамоми ҳастӣ ҳифз намоем.

**Муҳаббатшо УМАРОВ,**
**мутахассиси шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ- педагогии ДТТ**

## ОДОБ – ҲУСНИ ИНСОН



Бузургони илму адаб одобро чун ганҷи қимат ва шарафу иқбол ба қалам додаанд. Мусаллам аст, ки дар ҳар ҷомеа ва оилае, ки одоб дар мадди аввал бошад, осудагию хушбахтӣ ва камолоту пешрафт низ бештар мегардад.

Аз ин рӯ, мо бояд аввал худамон боодоб бошем, то тавонем дигаронро ба дунёи зебои одоб ҳидоят намоем. Аз сӯйи дигар, агар шахс дорои илму ҳунар ва хулқу атвори нек бошад, ҳамеша миёни мардум ва ҷомеа обрӯю эҳтироми зиёд пайдо мекунад.

Мисраъҳои зерин баёнгари ин гуфтаҳоанд:

**Одамизода агар беадаб аст, одам нест,**
**Фарқ мобайни бани одаму ҳайвон адаб аст.**

****

**Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,**
**Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.**

****

**Як-ду рӯзе, ки дар ин мулки ҷаҳон меҳмонӣ,**
**Боадаб бош, ки хосияти меҳмон адаб аст.**

**Саидзода Дилноза,**
**донишҷӯи курси 4- уми ихтисоси 1-19010105 факултети технология ва дизайн**

# ШИНОСОӢ ВА КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ БА ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ




25-уми сентябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии тоҷикистон вохӯурии раёсати донишгоҳ бо донишҷӯёни курси аввали факултети иқтисодиёт ва молия ҷиҳати шинос намудани онҳо бо имкониятҳои донишгоҳ барои таълиму тарбияи шоиста гирифтан, фаҳмонидани тартиботи дохилидонишгоҳӣ, одоби шаҳрнишинӣ, риояи Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои донишҷӯёни мактаби олӣ, фарҳанги истифодаи телефони мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, эмин будан аз хатарҳои терроризм ва экстремизм, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ баргузор шуд.

Дар вохӯрӣ муовини ректор оид ба тарбия С.Абдумуминзода ширкат намуда, андешаҳояшро доир ба масъалаҳои болозикр баён намуд. Ҳамзамон, декани факултети иқтисодиёт ва молия Абдурасул Сатторов донишҷӯёнро барои омӯзиши илму дониш ва ахлоқи шоиста доштану мутахассиси рақобатпазир шудан ҳидоят намуд.

Чунин вохӯриҳо дар дигар факултетҳои донишгоҳ низ гузаронида шуданд.






# ВОХӮРИИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ БО ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ АВВАЛ

Чанде пеш дар донишгоҳ бо мақсади таълиму тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи худшиносӣ, ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, аз худ намудани технологияи муосир, забонҳои хориҷӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои донишгоҳ, эҳтироми қонунҳои амалкунанда, риояи Дастурамали либосҳои тавсиявӣ, одоби шаҳрнишинӣ, омодагӣ ба озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм фуруғи маърифат», «Фуруғи субҳи донои китоб аст», «Ихтироъкори ҷавон», пешгирии амалҳои номатлуб, аз ҷумла коррупсия, терроризму экстремизм ва дигар масъалаҳои вобаста ба соҳаи маориф вохӯрии раёсти донишгоҳ бо донишҷӯёни курси якуми факултетҳои муҳандисӣ-технологӣ, технологиҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ деканони факултетҳои номбурда ва муовини ректор оид ба тарбия суханронӣ намуданд.




**Р. МАСЪУД.**

# WORLD TEACHERS' DAY




World Teachers' Day is an international day held annually on 5 October to celebrate the work of teachers.Established in 1994, it commemorates the signing of recommendation by the International Labour Organization (ILO) and the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO). The 1966 «ILO/UNESCO Recommendation concerning the Status of Teachers is a standard-setting instrument that addresses the status and situations of teachers around the world. This recommendation outlines standards relating to education personnel policy, recruitment, and initial training as well as the continuing education of teachers, their employment, and working conditions. World Teachers' Day aims to focus on «appreciating, assessing and improving the educators of the world» and to provide an opportunity to consider issues related to teachers and teaching.

**English teacher:
Shamsova B Q**

# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ КОРФАРМОЁН

*21-уми сентябри соли 2023 дар факултети технология ва дизайн вохӯрии донишҷӯёни ҳамаи ихтисосҳои самти дизайн ва тарҳрезии либос, технологияи маснуоти нассоҷӣ ва метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук) бо намояндагони корфармоён – сардори Департаменти саноати сабуки Иттифоқи рушди корхонаҳои бахши хусусии Тоҷикистон Абдулло Муҳаммадиев ва директори ҶММ "Сифат-саноат" Ҳакимшо Идиев баргузор гардид.*

Дар оғози ҷаласа декани факултети технология ва дизайн д.и.т., профессор Холназар Иброҳимов ба даъватшудагон оид ба ихтисосҳои факултет иттилоъ дода, иброз дошт, ки нақшаи қабули довталабон дар курси 1-уми факултет 175 нафарро ташкил медиҳад. Имсол тибқи тақсимоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи ихтисосҳои факултет 92 нафар ва тибқи квотаи Президентӣ 5 нафар довталаб қабул шудаанд.

Абдулло Муҳаммадиев зимни суханронӣ оид ба теъдод, фаъолияти ҳамаи корхонаҳои соҳаи саноати сабуки мамлакат, иқтидорҳои коркарди ашёи хоми нассоҷӣ ва истеҳсолии онҳо, талабот ба ҷойи кор ва мутахассисон, истеҳсоли маҳсулоти тайёр, таҷҳизотҳои муосири нассоҷӣ, шароити корӣ, муносибат ба ҷавонон, таҷрибаомӯзӣ, бо ҷойи кор таъмин шудани хатмкунандагони ин ихтисосҳо инчунин, оид ба гузаронидани машғулиятҳо дар донишгоҳ ва истеҳсолот, яъне гузаштан ба таҳсили дуалӣ ба таври муфассал иттилоъ доданд.

Сипас, директори ҶММ "Сифат-саноат" Ҳакимшо Идиев муҳассилинро барои бо номи пуршарафи донишҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон сазовор шудан табрику таҳният гуфта, пеш аз ҳама онҳоро ба ватандустӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва эҳтирому арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, ҳамдилӣ, дӯсту бародар будан, ахлоқи ҳамида доштан, хониши аъло, рӯ овардан ба китоб даъват намуд.

Мавсуф иброз дошт, ки кадоме аз шумоён, агар имрӯз қобилияти тарҳрезӣ, поракунӣ ва дӯхтани либос, кор бо мошинҳои дӯзандагиро дошта бошед, мо тайёрам, ки шуморо ба кор қабул намоем. Шумо баъд аз дарсҳо метавонед, омада дар корхона чор соат фаъолият намуда, вобаста аз ҳаҷми маҳсулоти тайёри духтаатон ҳавасманд гардед.

Дар охири ҷаласа муҳассилин ба саволҳои додаи хеш ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Субҳон АБДУЛЛОЕВ,
муовини декани ФТД
оид ба тарбия**

*Инсонҳо бо баробари тавллид шудан соҳиби андеша ва тафаккур нестанд, тарзи андеша ва мафкураи ҳар инсон дар заминаи маънавиёти як ҷомеа ва тарзи тарбия рушд меёбад. Дар раванди ташаккуллёбии фард ва иҷтимоишавии он, пеш аз ҳама, таъсири тарбияти хонаводагӣ ва омӯзишу парвариш, таъсири аҳли ҷомеа хеле муҳим аст. Ҳеҷ инсон бо тавлиди хеш мутааллиқ ба арзишҳои хуб ё бад нест. Он дорои имконияти касбӣ, дониш, фарогирии маънавиёт ва рушди шахсияти хеш аст.*

# ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА МАФКУРАСОЗӢ



Муҳим он аст ки ба фард ҷиҳати тарбият намудани он кадом навъи ғизои маънавӣ пешниҳод мегардад. Муҳити иҷтимоӣ ва махсусан маънавиёти тарзи андеша ва навъи баровarda кардани ниёзҳои иҷтимоӣ метавонанд дар таалуқияти варзидани шахс ба кадомин навъи арзишҳо, огоҳӣ ва дарки озодиву масъулият дар он, худшиносии фардиву миллӣ ва иҷтимоии он таъсиргузор бошанд.

Имрӯз дар ҷаҳоне, ки мо ба сар мебарем, ҷаҳони иттилоотӣ буда, дар баробари тарбияту маънавиёти ҷомеа, омӯзишу парвариш навъи иттилоърасонӣ низ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мафкураи фардҳо таъсиргузоранд. Айни ҳол, шеваҳои таъсиррасонӣ маҳз тавассути фазои иттилотиро пӯшиш додан аз анвои ахбори таъсиррасон ба мафкурасозӣ таъсиргузор аст. Кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар раванди боло бурдани донишу огоҳии ҷомеа ва муқовиматпазир гардонидани баданаи иҷтимоӣ дар баробари хатароти иттилоотии харобиовар тадбирҳо чуста, имконоти хешро сафарбар менамоянд. Дар баробари ин, яке аз роҳҳои тавсеа ва паҳнгардонии афкори хурофотӣ ва шеваҳои ифротгароиву террористӣ аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатхоҳ тавассути паҳши ахбори ғаразноку манфиатҷӯёна дар фазои иттилоотӣ махсуб аст.

Дар ҷаҳони имрӯз иттилоърасонӣ яке аз шеваҳои асосии баланд бардоштани маърифати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва он тавассути рӯзномаю маҷалла, шабакаҳои радиоию телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба амал баровarda мешавад. Муҳиммияти расонанигорӣ он аст, ки то чӣ андоза метавонад афкори дуруст ва аз лиҳози илмӣ санҷидашударо ба мардум ироа дорад. Ҳамин аст, ки расонанигорӣ ба ҳайси яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии ҷомеа низ ба ҳисоб меравад.

Агар ҳар қадар иттилоъ дақиқ, илман асоснок ва ба воқеият баробар бошад, ҳамон андоза метавонад ба зеҳнияти мардум таъсиргузор бошад ва онҳоро дар рӯҳияи дунявият ва шинохти воқеии ҷаҳон ва ҳаводиси он савқ бидиҳад. Баръакс ҳар қадар агар матлаби ба нашррасида ё тавассути шабакаҳои гуногуни радиоию телевизионӣ паҳшшаванда аз доираи маърифати илмӣ дуртар бошанд ва фарогири афкоре бошанд, ки аз бовармандӣ маншаъ гирифта бештар баёнгари афкори хурофотию таассубзада бошанд, ҳамон қадар ба хонанда, шунаванда ва бинанда таъсири манфии хешро мегузоранд. Дар аксар аз кишварҳое, ки сатҳи пасти маърифати илмӣ амал менамояд, дар онҳо бештар ҳамин вазъ хос аст.

Яъне дар расонанигорӣ радиоию телевизионӣ, сомонаҳои интернетӣ аксаран маводе ба нашр мерасад, ки онҳо бештар таблиғгари рӯҳияи таассубзадагиву хурофотӣ ва дур аз ҷаҳонбинии илмӣ ба ҳисоб меравад. Таблиғоти густурдаи чунин афкор тавассути расонаҳои гуногун боиси он мегардад, ки сафи нафарони мутаассиб дар ҷомеа меафзояд. Аз тарафи дигар, гурӯҳҳое ки мехоҳанд аз таассубзадагию хурофаандешии мардумон суд ҳосил кунанд, бароишон бисёр содда ва осон аст, ки бад-ин восита сафи тарафдорони хешро биафзоянд. Гурӯҳҳои исломгарои муосир маҳз тавассути расонанигорӣ, паҳши ахбори зидду нақиз таблиғи густурдаи идеяҳои ифротгароёна, аз қабили ҷиҳоду шаҳодат дар роҳи дин, бартар нишон додани дину боварҳои хеш нисбат ба дину бовари дигарон, ҳамчунин таҳаммулнопазирию маҳкум ба нобудӣ намудани нафароне, ки андеша бовар ва тафаккури дигар доранд, ба амал баровarda мешавад.

Мутаассифона, чунин рафтор боиси он мегардад, ки ҷавонон ва гурӯҳҳои ноогоҳи иҷтимоӣ мағзшӯӣ шуда, ҳамин гуна афкори муғризу хатарнокро ба ҳайси айният ва ҳақиқат қабул менамоянд ва бад-ин восита умри худу имкони инсонияшонро бар ҳадар медиҳанд. Исломгароёни муосир тавассути сомонаҳои интернетӣ дар ҳар шакле вориди амал мешаванд ва бо таблиғи густурдаи ҳадафҳои хеш афкори иҷтимоиро захрогин месозанд. Агар ба умқи амалкардҳои онҳо назар афканӣ хоҳи дарёфт, ки аксар аз амалҳои зиддиинсоние, ки анҷом медиҳанд, ба онҳо барчаспҳои динӣ дода аз худ нафарерo ба ҷилва меоранд, ки гӯё воқеан ҳам онҳо барои ҳадафҳои пок, нигоҳ доштани дину бовари мардум хидмат мекарда бошанд. Вале ин танҳо як зоҳири фиребое аст, ки аслан бар ҳадафи ғаразноки онҳо ба амал баровarda мешавад. Исломгароён хуб медонанд, ки ҳар қадар ҷомеа таассубзада, хурофотӣ ва дур аз илму маърифат, таваккалӣ, тақдиргаро ва амсоли ин бошад, онҳо ҳамон қадар метавонанд ҳадафҳои худро бароварда созанд ва аз худ донандаи осмону замин ва пайвандгари инсону офаридгор ба намоиш дароваранд.

Аз ин рӯ, онҳо ҳамеша душмани сарсахти илму маърифат ва ҷаҳонбинии илмианд. Дар тамоми мавъизаҳои хеш кӯшиш ба харҷ медиҳанд то дастовардҳои илмӣ ва шинохти илмии ҷаҳонро каҷу бемоя ва нодуруст муаррифӣ намоянд ва онро мавриди интиқод қарор бидиҳанд. Аз тарафи дигар, исломгароён кӯшиш доранд бар алайҳи дунявият ва зиндагии ин ҷаҳонии башар қарор бигиранд. Онҳо яксара тамоми лаззоти ин ҷаҳониро инкор намуда зиндагии инсониро то андозае пучу бемаъно ва поёнпазир таблиғ мекунанд. Аммо ба ҷои ин ҷаҳони дигар ва ритуалҳои аз қабили биҳишту дузах ва амсоли инҳоро дар навиштаву гуфтаҳои хеш ба тарзи ҳамешагӣ мавриди таблиғу ташвиқ қарор медиҳанд.

Инҳо баръакс бо чунин таблиғу ташвиқи хеш аҳли ҷомеаро аз ҷораандешӣ нисбат ба мушкилоти табиию иҷтимоӣ бозмедоранд. Онҳо таблиғгари мустамандӣ, фақр, бечораҳолӣ ва бо роҳи боварҳои метофизикӣ умру имконоти хешро сафарбар кардани инсон дар роҳи ниёишу хушомад задани қувваҳои мармузи осмонӣ сарф месозанд. Аз тарафи дигар, бо таблиғи афкори пучи инкори ақоид шинохт ва бовари дигарон аз дидгоҳи хушунатомез вазъиятҳоеро ба вуҷуд меоваранд, ки зиндагии дунявии инсонҳоро ба ҷаҳаннам табдил медиҳанд. Яъне ба таври дигар агарчи наметавонанд мардумонро саодатманд созанд, вале метавонанд зиндагии феълии онҳоро дар ин ҷаҳон ба ҷаҳаннам табдил диҳанд ки намунаи онро метавон дар кишварҳое аз қабили Сурияву Ироқ ва Афғонистон бармало мушоҳида намуд.

Дар вазъиятҳое ки онҳо ба вуҷуд овардаанд, ҳазорон -ҳазор ба умеди дунёи дигар ҳамдигарро куштаву аз байн бурдаанд ва ҳамчунин ҳазорон нафарро аз падару модар фарзандону пайвандон ҷудо намуда онҳоро ба садҳо ранҷу азоб гирифтор намудаанд. Аз тарафи дигар, бо ҳамин гуна идеологияи ҳашмин шаҳрҳо ва давлатҳову осори ҳазорсолаи тамаддуни инсониро аз байн бурдаанд. Афкори исломгароии муосир на ба манфиати дифои дину мазҳаб ва инсоният аст, балки баръакс ҳадафи асосиаш зидди инсон бадбахт намудани инсоният ва бо дасти ҳам бо номи дин аз байн бурдани давлату миллатҳои алоҳида аст. Як масъала равшан аст, ки ҳар қадар иттилоърасонӣ дурусту воқеӣ бо арзишҳои милливу инсонӣ ва рӯҳияи дунявияту мардумсолорӣ дар фазо маҳдуд бошад, ҳамон қадар барои ин гурӯҳҳои бадкеши аҳриманӣ фазо боз мегардад.

Бо дарназардошти ин нукта, таблиғоти густурдае ки тавассути расонаҳои гуногун аз тарафи исломгароён дар фазои гуногуни расонавӣ паҳш мешавад, аслан бар алайҳи ҷомеа ва ҷиҳати аз байн бурдани инсонҳо равона карда шудааст. Онҳо ҳеҷ гоҳ бо чунин афкор наметавонанд, ки башарро саодатманд кунанд, ғайр аз он ки бовармандонро ба бадбахтӣ ва нобудӣ савқ медиҳанд.

Имрӯз кишварҳои моро зарур аст ки дар самти муқобила ба ин ҷараён аз роҳҳое кор гирифта шавад, ки то тавонанд шиддати таъсири манфии ифротгароӣ ва исломгароии шакли ифротиро камтар созанд. Пеш аз ҳама дар ин раванд бояд ҳар чи бештар дар расонаҳо барномаҳое таҳия карда шаванд, ки дар онҳо муҳиммияти арзиши зиндагии инсонӣ, нотакрории инсон, арзиши инсон, моҳияти инсон, худшиносӣ ва худсозии инсон бештар таблиғу тарвиҷ шавад. Ҳамчунин анвои гуногуни ҳунар ва офаридагорӣ мавриди таблиғи пайваста дар расонаҳо қарор бигирад.

Ҳамчунин барномаҳои шавқоваре, ки дар онҳо бештар арзиши зиндагии инсон, муҳиммияти инсон, эҳсоси ахлоқи баланди инсонӣ ва ҳисси баланди зебоипарастӣ дар онҳо таҷассум гардидааст, ба роҳ монда шавад. Яъне ба тарзи дигар, адабиёт, санъат ва ҳунар дар баробари хушунат ва нобудӣ ки аз ҷониби исломгароён ифротӣ таблиғ мешавад, қарор бигирад. Ин ҷо бояд дар назар дошт, ки мусиқӣ, шеър, рақс, намоишҳои театрӣ, мудҳои гуногуне ки инъикоси зебоипарастиро боло мебаранд, ҳамчунин маҷмуи он ҳунарҳое ки инсон ба хотири пурмаъно кардани зиндагии хеш ононро ба миён овардааст, мавриди таблиғи расонаҳо ва сомонаҳои интернетӣ қарор бигиранд.

Дар ин росто, бояд осори шоирони гузашта, ки ҳамчун мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ низ ҳастанд, барои онҳо пайкараҳои интернетӣ сохта маҷмуи осори онҳо ва махсусан он қисмат аз осоре, ки ҳисси дунявият, зебоипарастӣ, арзиши олии зиндагӣ ва ҳаёти инсониро таблиғ менамоянд, бештар дар он пайкара ҷой дода шаванд. Аз ҷониби дигар, бояд ба тарзи ҳамешагӣ бебунёдӣ, зиддиинсонӣ ва нобудгари миллатҳову давлатҳо будани афкори ифротиву аъмоли террористии ин гурӯҳҳо таҳлили воқеӣ гардида ба ҷомеа ирсол карда шавад, то ҷомеаро аз шарри ин гурӯҳҳои бадманиш ҳифз намоем.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи**
**фанҳои гуманитарии ДТТ**

# ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБ

## ЭЪТИРОФИ ОМӮЗГОРИ ТОҶИК ДАР ФАРОНСА



Муродулло Носиров, омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 124-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар даври дуюми Олимпиадаи байналмилалӣ дар Фаронса сазовори ҷойи аввал гардид. Олимпиадаи мазкур 18 феврал дар Донишгоҳи байналмилалии Марсели Фаронса аз фанҳои математика, физика ва химия бо иштироки 112 омӯзгори беҳтарини Русия, Фаронса, Полша, Ветнам, Юнон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо баргузор шуд.

Ёдрас бояд шуд, ки М. Носиров дар Олимпиадаи байналмилалии Авруосиё, ки моҳи январи соли 2023 тариқи маҷозӣ (онлайн) аз фанҳои физика, математика ва химия доир гардид, сазовори ҷойи сеюм, диплом ва мукофоти пулӣ гардида буд. Дар он 1328 нафар омӯзгор аз Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Туркия, Россия, Қазоқистон ва Афғонистон иштирок доштанд.

**Таҳияи Матлубаи Абдуқаххор**

## КИТОБИ ПЕЛЕ ҲАЗОРОН КӮДАКРО БОСАВОД КАРД



Пеле, шоҳи футболи ҷаҳон, ки моҳи январи соли 2023 дар синни 82 солагӣ аз дунё гузашт, дар зиндагӣ корҳои хайру савоби бисёреро сомон додааст. Яке аз онҳо навиштани китоби "Ман-Пеле" мебошад. Пас аз хатми Ҷоми ҷаҳон дар соли 1958 ӯ ин китобро навишт. Азбаски миллионҳо мухлиси футбол дар олам, аз ҷумла дар ватанаш Бразилия дошт, онҳо ба ҷустуҷӯ ба хондани китобҳои Пеле пардохтанд. Дар натиҷа ҳазорон кӯдакону наврасоне, ки савод надоштанд, тавассути китоби "Ман-Пеле" хонданро омӯхтанд.

Муаллифи китобро Вазорати маорифи Бразилия бо медали тилло қадр кард.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

# КОРРУПСИЯ

## ФИДЕЛ КАСТРО БО РИШВАСИТОНӢ ҲАМ ҶАНГӢ БУД

Фидел Кастро, роҳбари вақти Куба, ки ба иқрори худаш аз 634 суиқасд ҷон ба саломат бурдааст, дар мубориза бо коррупсия ҳам аз роҳбарони сахтгиртарини ҷаҳон шинохта мешавад.

Китоби "Сад соат бо Фидел Кастро" аз забони ин сиёсатмадор ва пешвои инқилоби Ҷазираи Озодӣ нақлест, ки ҳақиқати ин ҳолро собит менамояд: "Даромади вокеӣ ва амволи ҳарсолаам ба сурати расмӣ эълон мешавад. Қисме аз маошамро ба давлат ва марказҳои хайрия мебахшам. Барои ришвахӯрӣ (коррупсия) ҳукми қатли беҳтарин рафиқи давррони муборизаамро, ки вазир буд, имзо намудам, аммо барояш гиристам".

**Таҳияи Фаромарз Раҳмониён**

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ МУБОРАК!



12-уми сентябри соли 2023 декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотск ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Яминзода Заррина Акрам дар Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзӯи "Принсипҳои илмию амалии таҳияи технологияи самти экологии пардоздиҳии маводи табиии нассоҷӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ бомуваффақият рисолаи илмӣ ҳимоя намуд.

Ҳимояи рисолаи доктории Заррина Акрам дар сатҳи баланди илмӣ доир гашта, дар кори он аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ ва докторон, профессорону номзадони илм, дотсентон, муҳаққиқон, докторантон ва омӯзгорони ҷавон ширкат намуданд.

Раёсат, ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон ва кормандону донишҷӯёни донишгоҳ Яминзода Заррина Акрамро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи докторӣ табрику таҳният гуфта, ба ӯ саломатӣ ва дар фатҳи қуллаҳои нави илм барору комёбӣ таманно менамоянд!

# МАНТИҚ

Донишҷӯён фаҳмиданд, ки дар барномаи имсолаи таълимӣ фанни наве ҷорӣ шудааст. Номи фан мантиқ ва онро муаллими солманде дарс медиҳад. Дар дарси аввал донишҷӯе пурсид:

- Устод, мантиқ ба мо чиро меомӯзад?

Профессор ба донишҷӯёне, ки ба ӯ бо марок менигаристанд, ҷавоб дод:

-Таъсире, ки мантиқ ба шуури инсонҳо дорад, ба осонӣ фаҳмонда намешавад. Барои ҳамин, биёед, ҳоло ман як мисол меорам, то моҳияти масъала фаҳмо шавад.

Ҳама ба муаллим таваҷҷуҳ карданд. Профессор гуфт:

- Фарз кунед, ки аз кони маъдан ду нафар берун мешавад. Афту андоми яке тоза, аз дигарӣ сип- сиёҳ. Кадоме аз инҳо бояд сару рӯяшро бишӯяд?

Донишҷӯён ҳама бо як овоз:

- Алабатта, хамоне, ки чиркин аст!

Профессор бо табассум меафзояд:

-Мантиқ пеш аз ҷавоб ба ин савол мепурсад: "Чӣ гуна мешавад, ки аз кони маъдан ду нафар берун мешаванду сару рӯи яке тоза асту аз дигаре гардолуд?"

# СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ВАРЗИШ ВА САЛОМАТӢ

**Варзиш маънои нерӯмандию солимӣ, бардамию дарозумрӣ ва шарафи баланди ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани Ватанро дорад. Дар лаҳзаҳои садо додани Суруди миллӣ ва афрохта шудани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарафи варзишгарони мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ тамоми халқи кишвар худро сарбаланду пирӯз меҳисобад. Дар замири ҳар як шаҳрванди ватандӯсту бонангу номус аз ин дастовардҳои фарзандони шӯҳратёри ватан ифтихори беандоза бедор мешавад. Шумо дар ёд дошта бошед, ки миллати ҷисман солим рӯҳан низ муқтадир ва шикастнопазир мебошад.**

***

**Варзиш мактаби обутоби ҷисмонӣ ва мардонагӣ буда, ҷавононро барои ҳимояи марзу бум, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, оромиву суботи кишвар ва ҳифзу таҳкими дастовардҳои бузурги давлатӣ ҳидоят мекунад.**

**Танҳо ҷавононе солиму бардам, тавонову қавӣ ва далеру шуҷоъ меҳру муҳаббати Ватанро қадр карда, бо рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ амнияту оромӣ ва суботи кишварро таъмин карда метавонанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ягона зебоие, ки ман медонам, ин саломатист.

**Ҳайнрих Ҳайне**

Ҳеҷ кас намехоҳад, ки соати чори саҳар аз хоб хезаду давидан гирад. Дар ҳоле ки тамоман торик аст, лек ин лозим мебошад. Ягона сабаби анҷом додани ин кор аз ҷониби худам дар он аст, ки бовар дорам, нафари дигар онро ба сомон намерасонад. Ва ин бароям каме бартарӣ медиҳад.

**Майк Тайсон**

Агар инсон ба саломатии хеш аҳамият зоҳир намояд, пас аз худи вай дида, дарёфти табибе душвор аст, ки барои саломатияш чизи нафъоваре донад.

**Сукрот**

Дар ҷисми солим рӯҳи солим нуҳуфтааст.

**Ювенал**

Инсон метавонад сад сол зиндагӣ намояд. Мо бошем бо беэҳтиётӣ, бо муносибати бетартибонаю бепарвоёна нисбати ҷисми худ, ин муҳлатро хеле кӯтоҳ месозем.

**Иван Павлов**

Варзиш хеле хуб ёрӣ мерасонад, ки тамоми одатҳои бадро тарк намоем

**Жан Пол Белмондо**

На он нафаре ғолиб меояд, ки неруманд аст, балки он нафаре пирӯз мегардад, ки омодааст то охир саъй намояд.

**Федор Емеляненко**

Нерумандӣ ин саломатист. Саломатӣ бе неру номумкин аст.

**Айшек Норам**

Яке ба коҳилӣ афтода мепиндорад, ки саломатиашро нигоҳ медорад. Ӯ низ чун нафаре, ки бо хомӯшӣ мехоҳад овози хешро такмил диҳад, рафтори аҳмақона содир месозад.

**Плутарх**

Аз бебарориҳо набояд маъюс гардид. Ҳама ба ин ҳол гирифтор мешаванд. Баъзеҳо тез ислоҳ меёбанд, баъзеи дигар ҳамоно шиква мекунанд.

**Майк Тайсон**

Аз худ чизи ғайриимконро талаб намо ва онро барзиёд дарёфт хоҳӣ кард.

**Дмитрий Клоков**

Дар ҳоле ҳар қадар саломатӣ кам бошад, ҳаёт низ кам аст. Пас дар ин ҳол ҳаёт барои инсон чӣ гуна метавонад пурарзиш бошад? Барои гирифтани ҳаёт танҳо гирифтани саломатӣ кифоят аст, то кас аз ҳаёт маҳрум шавад.

**Евгений Антонюк**

Варзиш хулқро тарбия намекунад, балки онро ошкор месозад.

**Хейвуд Браун**

Саломатӣ аз тамоми хушиҳои зиндагӣ то ҳадде болост, ки гадои тансиҳат нисбати шоҳи бемор хушбахттар аст.

**Артур Шопенгауэр**

Агар меъдаю қафаси сина ва пойҳоят дуруст бошанд, пас ягон боигарии шоҳона наметавонад чизе изофа созад.

**Горатский**

Саломатӣ бештар аз одат ва ғизои мо вобаста аст, на аз ҳунари табиб.

**Ҷон Леббок**

**Таҳияи А. Содиқов, М.Бегматов, омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонии Литсейи инноватсионии "Душанбе"**

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха*